Эй мардум! Барои ин чунин кардам, ки аз ман пайравӣ кунед ва намози манро таълим бигиред

Аз Абуҳозим ибни Динор ривоят аст, ки гуфт: Мардоне назди Саҳл ибни Саъди Соъидӣ рафтанд ва дар бораи минбари (Паёмбар), ки чӯбаш аз чӣ аст, баҳс карданд. Ӯ ба онҳо гуфт: Савганд ба Аллоҳ ман медонам, ки аз чист ва ман онро дар аввалин рӯзе, ки ниҳода шуд ва аввалин рӯзе, ки Расули Худо (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) бар он нишаст, дидам. Расули Аллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ба назди фалон зан - зане аз ансор, ки Саҳл номи ӯро зикр кард - фиристод ва хитоб ба эшон фармуд, ки " Ғуломатро, ки наҷҷор аст амр кун, то барои ман чӯбҳое (минбаре аз чӯб) бисозад, то ҳангоми сухан гуфтан бо мардум бар он бинишинам". Пас, он зан ғуломашро амр кард ва ӯ онро аз дарахтони Тарфаи ғоба (ҷое дар беруни Мадина дар тарафи Шом) сохт ва сипас онро оварад. Он зан онро ба назди Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фиристод ва эшон низ амр карданд, ки инҷо ниҳода шавад. Сипас Расули Аллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам)-ро дидам, ки (барои омӯзиши мардум) бар он (минбар) намоз хонд ва дар ҳоле ки бар он буд, такбир гуфт ва сипас дар ҳоле ки бар он буд, ба рукуъ рафт ва сипас ба пушти сар поин омад ва дар (канори) пояи минбар саҷда кард ва сипас (ба рӯйи он) бозгашт ва вақте ки (намозашро) ба охир расонд, фармуд: "Эй мардум! Барои ин чунин кардам, ки аз ман пайравӣ кунед ва намози манро таълим бигиред."

[Саҳеҳ] [متفق عليه]

Мардоне назди яке аз асҳоб омада, дар бораи минбари Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам), (ки барои хутбаи худ қарор дода буд) пурсиданд, ки аз чӣ сохта шудааст? Онон дар ин бора бо ҳам ҷадал ва ниқош карда буданд. Пас ба онон гуфт, ки Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ба назди зане аз ансор, ки хидматгори наҷҷор дошт қосиде фиристод ва фармуд: Хидматгори наҷҷоратро амр кун то барои ман минбаре аз чӯб бисозад, ки ҳангоми сухан гуфтан бо мардум бар он бинишинам. Он зан низ қабул кард ва ғуломашро амр кард, ки барои Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) минбаре аз чӯби тарфа бисозад ва чун корашро ба охир расонд, он зан минбарро ба назди Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фиристод ва эшон амр карданд, то онро дар маконаш дар масҷид қарор диҳанд. Сипас Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) дар ҳоле ки бар болои он буданд, такбир гуфтанд ва сипас бар рӯи он ба рукуъ рафтанд, сипас ақиб омада бидуни он ки рӯяшонро ба қафо бигардонанд ва бар рӯйи замин канори пояҳои минбар саҷда карданд ва сипас ба рӯи минбар бозгаштанд ва чун намозро ба поён расониданд, рӯ ба мардум карданд ва фармуданд: Эй мардум! Ман ин корро кардам, то аз ман улгу бигиред ва намози манро ёд бигиред.


النجاة الخيرية
ALNAJAT CHARITY
لجنة الدعوة الإلكترونية
EDC
E-Da'wah Committee